**СУРАТМАҶЛИСИ №109**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

24-уми феврали соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа гузаронида шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаюрзода Ш.К. ва аъзои комиссия Муртазозода Ҷ.С., Қурбонов Қ.Б. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Рустамзода Фируз Рустам** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедари ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26-уми майи соли 2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беъэтибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.